# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ.**

Таҳқиқи диссертатсионии Сафарзода Моҳира Амиралӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир – имиҷсозӣ дар контексти телевизион ва сомонаҳои интернетӣ ва ба ин васила муайян кардани имиҷи давлат бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои мавриди таҳқиқро бо истифода аз усули илмӣ ҳамаҷониба мавриди пажуҳиш қарор дода, ба хулосаҳои асоснок ва эътимоднок расидааст. Таҳқиқоти мазкур барои амалигардонии сиёсати имиҷсозии Тоҷикистон ба воситаи тлевизион ва интернет мусоидат мекунад.

Аз мазмун ва муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки дар замони муосир имиҷсозии ҳар як давлат ба нақшаи стратегии аксари кишварҳо ворид карда шудааст. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф воситаҳои ахбори омма, бахусус телевизион ва интернет, муҳимтарин воситаи ташвиқ маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз зумраи давлатҳои соҳибистиқлолест, ки барои ташаккули имиҷи дохилӣ ва байналмилалии худ кӯшишҳо менамояд ва барои ин пеш аз ҳама, ба воситаҳои ахбори омма такя мекунад. Хулосаву натиҷаҳои муаллифи диссертатсия барои хубтару беҳтар намудани фаъолияти телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар самти имиҷсозии давлат замина гузошта, барои бартараф намудани камбудиҳои соҳа мусоидат менамояд.

Диссертатсия ва автореферати Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд. Мубрамии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин таҳқиқоти

ҳамаҷонибаи илмӣ дар Тоҷикистон буда, тамоми паҳлуҳои масъалаи имиҷ ва имиҷсозӣ, нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи давлатро пурра фаро мегирад. Дар асоси омӯзишу пажӯҳиш муҳаққиқ мафҳуму моҳияти имиҷ, технологияи имиҷсозӣ, унсурҳои имиҷсозро муайяну баррасӣ намуда, нақши воситаҳои ахбори оммаро дар раванди имиҷсозӣ, аз ҷумла фаъолияти телевизион ва сомонаҳои интернетиро дар контексти имиҷсозии кишвар нишон додааст. Хулоса ва тавсияҳои мушаххаси дорои хусусияти консептуалии муаллиф дар кори диссертатсионӣ ифода ёфтаанд. Дар раванди таҳқиқ фаъолияти шабакаҳои телевизиони дохилӣ, ҳамчунин, агентиҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои интернетии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 1 монография, 29 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки мазмуну моҳияти таҳқиқро бозгӯ мекунанд. Мақолаҳои илмии нашршуда ва теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи доктории Сафарзода Моҳира Амиралӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, панҷ боб, сенздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳои оид ба истифодаи амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва сарчашма иборат аст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумот, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтааст.

Вобаста ба ин комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи доктории Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муаҳққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон бо ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, декани факултети филологияи рус, рӯзноманигорӣ ва медиатехнологияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

– **Саидмурод Хоҷазод** – доктори илми филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Азимов А.Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Бозорзода Н. Ш.

доктори илмҳои таърих,
мудири шуъбаи ИДМ-и Институти
омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё
ва Аврупои АМИТ Сайидзода З.Ш.

«18» июни соли 2026.